**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ.,
дотсент, генерал-майори милитсия
________________Насуриён П.А.
«__11__»_______04_________ 2026

# ХУЛОСАИ
# АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Нуруллозода Меҳрулло унвонҷӯи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Нуруллозода Меҳрулло соли 2009 ба факултети №5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2013 онро бо ихтисоси «огоҳонӣ ва бартараф кардани ҳолатҳои фавқулода» хатм намудааст. Ҳамзамаон, соли 2016 ба факултети №3 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2020 бо ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ» хатм намудааст.

Аз 31 июли соли 2009 ба мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмат қабул гардида, то 10-уми июни соли 2013 ҳамчун курсант дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намудааст. Аз 1-уми августи соли 2013 то 18-уми январи соли 2016 ба ҳайси муаллим, аз 18-уми январи соли 2016 то 12-уми марти соли 2019 муаллими калон ва аз

12-уми марти соли 2019 то 18-уми марти соли 2020 ба ҳайси сардори кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқулодаи факултети №5 фаъолият кардааст. Аз 18-уми марти соли 2020 то 13-уми июли соли 2020 дар вазифаи сардори кафедраи бехатарӣ аз сӯхтори факултети №5 адои хизмат намудааст. Аз 13-уми июли соли 2020 то 28-уми феврали соли 2024 ба ҳайси сардори факултети №5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз 28-уми феврали соли 2024 то имрӯз ба ҳайси сардори Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб ифои вазифа намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми апрели соли 2023, № 255 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, таҳсил менамуд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2023, №7 тасдиқ карад шудааст.

Роҳбари илмӣ – Сафарзода Ҳаёт Сайдамир, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 14 феврали соли 2026, №2 аз ҷониби Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар ҷаласаи кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 апрели соли 2026, №9 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия гардидааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавкулодаи табиӣ ва техногенӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавкулодаи табиӣ ва техногенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД ҶТ иҷро шудааст. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи илмии кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД ҶТ «Идоракунии муосири фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи ҳуқуқ барои солҳои 2021-2025» ва мавзуи таҳқиқотии Академияи ВКД ҶТ «Мушкилоти назариявӣ ва амалии муосирсозии фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар ҶТ барои солҳои 2021-2025» иҷро гардидааст.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқотро 10 адад таълифоти илмии муаллиф, ки маҳз дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошанд, ташкил менамояд. Аз ин шумора 5 ададди онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд ва ҷузъиёти алоҳидаи масъалаи таҳқиқотии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи нашргардида ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошанд.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки фикру андешаҳо, хулосаҳои назариявӣ ва лоиҳаҳои коркардшуда оид ба такмили қонунгузорӣ пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба даст оварда шудаанд, метавон дар таҳқиқоти илмӣ, фаъолияти амалии соҳавӣ, такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор», лоиҳаи «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2026-2030», мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти қонунгузори ҷумҳурӣ ба таври васеъ истифода намуд.

Ҳамзамон, хулоса ва таклифҳои муаллиф, ки ба фаъолияти ҷузъу томи МКД ва дигар мақомоти давлатӣ алоқаманд, метавонанд ҳангоми таълими фанҳои «Назарияи идоракунӣ», «Ташкили идоракунӣ», «Идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ дар шароитҳои махсус», «Асосҳои идоракнуии мақомоти корҳои дохилии ҶТ ба таври васеъ истифода гардида, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва амалии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар

мақомоти давлатӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ, дарсҳои хизматӣ, курсҳои такмили ихтисос ва курсҳои бозомӯзӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шаванд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегардад.** Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурииии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногей» барои илм ва фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ дар самти ташкили идоракунии ҷузъу томи МКД ва ҳамкории онҳо бо дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод кардааст. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти монографӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ вобаста ба баррасии асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ маҳсуб меёбад.

Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илм ва амалии фаъолияти ҳифзиҳуқуқии кишвар, алалхусус, ташкили фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва ҳамкории он бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва худидракунии маҳаллӣ зери чатри Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ва такмили қонунгузории амалкунанда дар ин самт, аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Мафҳуми “шароити махсус” ҳамчун истилоҳи ҳуқуқии таҷассумкунандаи фаъолияти пурзури хизмати ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти қудратӣ дар ҳолати рӯх додани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ, инчунин дар ҳолати

эълон гардидани вазъияти фавқулода, вазъияти ҷангӣ маҳсуб ёфта, пешниҳод мегардад, ки истилоҳи мазкур мазмуни муттаҳидкунандаи шароитҳои махсуси пешбурди фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратии кишварро дорад.

2. Аввалин маротиба дар илми идоракунии ватанӣ мафҳуми "омодагии МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ" пешниҳод мегардад, ки маънои ташкил намудани низоми идоракунӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, гурӯҳбандии қувва ва воситаҳои МКД-ро барои иҷро намудани вазифаҳои дарпешгузошташуда, дар муҳлати муайяни вақт дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ фарогир мебошад.

3. Консепсияи муаллиф оид ба ташкил ва идоракунии ҷузъу томи МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ба самтҳои зерин нигаронида шудааст: - зарурати объективии ташкил ва фаъолияти якҷояи қувва ва воситаҳои МКД; - муайян намудани мавқеъ ва нақши гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалии МКД дар Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода; - тартиби ташаккул ва истифодабарии онҳо дар минтақаи ҳолати фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ; - таъмини ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва зерсохторҳои он; ташкил, омодагӣ, гурӯҳбандӣ ва истифодабарии гурӯҳҳои муттаҳидкардашудаи функсионалӣ ва қуваю воситаҳои МКД дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ; - мушаххас сохтани мазмуну моҳияти принсипҳои асосӣ, ҳадафҳо, вазифаҳо, уҳдадориҳо ва сохтори чунин гурӯҳи муттаҳидкардашуда вобаста ба пешгирӣ ва рафъи чунин ҳолатҳо; - таҳияи усулҳои муосир ва муайян кардани хусусиятҳои ташкили муносибатҳои дохилӣ ва берунӣ байни субъектҳои иштирокчии Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода; - таъмини омодагӣ, сафарбаркунӣ ва вокуниши саривақтии қувва ва воситаҳои мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолатҳои фавқулода ва вобаста ба зарурат азнавсозии ҷузъу томи мақомоти милитсия барои

амалиёти дастаҷамъона дар чунин ҳолатҳо.

4. Бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта асоснок карда мешавад, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ва ғ. дар доираи як қонун муттаҳид сохта шаванд, зеро дар қонунгузории амалкунанда ихтилофоти муайян вобаста ба ташкили ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ ва такроршавии функсияҳои онҳо вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ мавҷуд аст.

5. Самтҳои асосии таъмини омодагии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилоту муассисаҳоро дар зери чатри Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, муаллиф дар коркарди нақшаҳои оперативӣ, омодагии кормандон барои фаъолияти муташаккилонаи гурӯҳҳои функсионалӣ, таъмини омодагии ҷисмонӣ, касбӣ ва психологӣ, таъминоти ҳамаҷонибаи моддӣ-техникӣ, ташкили низоми идоракунии гурӯҳҳои мутамарказонидашудаи функсионалӣ, мақомоти идоракунии оперативии онҳо, воситаҳои алоқа ва таъминоти иттилоотии онҳо, ташкили фаъолияти дастаҷамъонаи муштараки дохилӣ ва берунии гурӯҳҳои функсионалӣ арзёбӣ менамояд.

6. Ба андешаи муаллиф кафили баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт, бо таври мунтазам гузаронидани машқҳои ситодӣ-фармондиҳӣ ва тактикӣ-тахассусӣ дар вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таълимии онҳо, аз ҷумла, ҷойҳои эҳтимолии ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ маҳсуб меёбад. Чунин раванд барои рафъи ҳолатҳои фавқулода дар мавриди эълон гардидани вазъияти фавқулода ва ё ҷангӣ низ мусоидат хоҳад кард.

Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавкулодаи табиӣ ва техногенӣ» ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат карда, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замима (натиҷаи назарсанҷӣ) иборат аст.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст. Ҳаҷми умумии интишороти муаллифи диссертатсия зиёда аз 5 ҷузъи чопиро дар бар мегирад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Нуруллозода, М., Сафарзода, Ҳ.С. Масоили назариявӣ-ҳуқуқии мафҳумҳои «ҳолати фавқулодда» ва «вазъияти фавқулодда» [Матн] / М., Нуруллозода, Ҳ.С. Сафарзода // Осори Академия. – 2023. – № 4 (60). – С. 116-127; ISSN 2412-141X.

**[2-М]**. Нуруллозода, М. Тавсифи умумии хатарҳои ҳолатҳои фавқулоддаи табииву техногенӣ ва асосҳои назариявии ташкили пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои онҳо [Матн] / М., Нуруллозода // Осори Академия. – 2024. – № 4 (64). – С. 172-181; ISSN 2412-141X.

**[3-М].** Нуруллозода, М. Нақши миититсия дар Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ [Матн] / М. Нуруллозода // Осори Академия. – 2025. – № 2 (66). – С. 177-186; ISSN 2412-141X.

**[4-М].** Нуруллозода, М. Мафҳум ва моҳияти асосҳои ташкилии идоракунии мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои табиӣ ва техногенӣ [Матн] / М. Нуруллозода // Қонуният. – 2025. – № 4 (60). – С. 214-222; ISSN 2410-2903.

**[5-М].** Нуруллозода, М. Мухолифатҳои қонунгузорӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиию техногенӣ ва дурнамои ҳалли онҳо [Матн] / М. Нуруллозода // Осори Академия. – 2025. – № 4 (68). – С. 165-175; ISSN 2412-141Х.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Нуруллозода, М. Амнияти зиддисӯхторӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқулоддаи техногенӣ: таҷрибаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М. Нуруллозода // Маҷмуаи маводҳои Конфронси XII байналмилалии илмӣ-амалии олимони ҷавон дар мавзуи «Таъмини амнияти фаъолияти ҳаётӣ: мушкилот ва дурнамо». – Минск: Донишгоҳи ҳифзи граждании Вазорати ҳолатҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Белорус, 2018. – С. 70-73. ISBN 978-985-590-030-7.

**[7-М].** Нуруллозода, М. Энергияи обӣ: энергияи бехатар [Матн] / М. Нуруллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Тоҷикистон кишвари пешсаф дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ вобаста ба об» бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” (сс. 2018-2028). – Душанбе, Контраст, 2018. – С. 39-41. УДК 621.311.

**[8-М].** Нуруллозода, М. Гидроэнергетика – сарчашмаи иқтисоди бехатар [Матн] / М. Нуруллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Тағйирёбии иқлим, ақибгардии пиряххо ва таъсири он ба захираҳои обии Осиёи Марказӣ» бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028” – Хуҷанд, Нури маърифат, 2018. – С.195-197.

**[9-М].** Нуруллозода, М. Вазъи мудофиаи граждагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М. Нуруллозода // Маҷмуаи маводҳои Конфронси

VII байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии мудофиаи граждании дар мавзуи “Мудофиаи граждании дар ҳифзи сулҳу амният”. – М.: Академияи Вазорати мудофиаи граждании, ҳолатҳои фавқулодда ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиии Федератсияи Россия, 2023. – С. 317-322. ISBN 978-5-9229-0271-7.

**[10-М].** Нуруллозода, М. Нақши илм дар дар замони муосир: мушкилот ва дастовардҳо [Матн] / М. Нуруллозода // Маҷмуаи маводҳои Конфронси II байнифаннии илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илм ҳамчун муаррифгар: назария ва амалия». – М.: Академияи Вазорати мудофиаи граждании, ҳолатҳои фавқулодда ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиии Федератсияи Россия, 2023. – С. 112-117. ISBN 978-5-9229-0191-8.

## ҶАЛАСА ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 11 нафар, аз ҷумла, 3 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 7 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 1 нафар муаллими калон.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Протоколи №9 аз 10-уми апрели соли 2026.

Раискунандаи ҷаласа:
Сардори кафедраи ташкили идоракунии
фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ.,
дотсент, полковники милитсия Қосимов Ф.М.

Котиби ҷаласа:
Сардори қисми таълимии факултети № 1
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Рӯзихонзода С.Р.

Имзои «Қосимов Ф.М.ва Рӯзихонзода С.Р.»-ро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

«11» 04 соли 2026

Суроға: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. М. Мастонгулов, 3, тел: +(992 37) 226-60-42, факс: +(992 37) 226-60-43, Веб.сайт – www.avkd.tj, e-mail: academia.a@vkd.tj